# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба кори диссертатсионии Риоев Акобир Мирзоевич дар мавзӯи “Самаранокии истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар дарсҳои технология (таълими меҳнат)-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод шудааст.

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот.** Рисолаи Риоев Акобир Мирзоевич ба яке аз масъалаҳои муҳим ва мубрами илми педагогика бахшида шудааст. Мавзӯи таҳқиқот бо эҳтиёҷоти амалии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, махсусан баланд бардоштани сатҳу сифати таълим аз фанни «Технология (таълими меҳнат)» тавассути истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ алоқаманд мебошад. Чуноне, ки муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ қайд менамояд, истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ, махсусан дар дарсҳои амалӣ ва татбиқи лоиҳаҳои эҷодии хонандагон равшан зоҳир мегардад. Дар ҳама гуна кори амалӣ ва ҳатто бештар дар таҳия ва татбиқи лоиҳаҳо хонандагон бо мушкилоте рӯ ба рӯ мешаванд, ки роҳи ҳалли онҳоро омӯхтан зарур аст.

Бояд тазаккур дод, ки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи рақамикунонии соҳаи маориф тадбирҳоеро роҳандозӣ кардааст, ки истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсиониро дар муассисаҳои таълимӣ тақвият мебахшад. Масалан, таъсиси низоми “Таҳсилоти рақамӣ” ва ҳифзи техникии иттилоот дар соҳаи маориф аз ҷумлаи ин иқдомҳост.

Бо ташаббуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар саросари кишвар муассисаҳои таълимӣ бо таҷҳизоти муосир, аз қабили тахтаҳои электронӣ, компютерҳо ва проекторҳо муҷаҳҳаз гардида истодаанд. Ин тадбирҳо ба беҳтар шудани сифати таълим ва ҷалби хонандагон ба омӯзиши фанҳои муосир мусоидат мекунанд.

Дар ҳақиқат, истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар дарсҳои технология (таълими меҳнат) метавонад самаранокии омӯзишро хеле баланд бардорад, зеро он ба таври фаъол хонандагонро ба раванди таълим ҷалб намуда, малакаҳои амалии онҳоро тақвият мебахшад. Зеро, истифодаи технологияҳои педагогӣ дар дарсҳои технология (таълими меҳнат) пеш аз ҳама, ба баланд бардоштани сифати таълим, ташаккули малакаҳои амалӣ ва эҷодкории хонандагон мусоидат мекунад. Технологияҳои педагогӣ аз қабили воситаҳои иттилоотӣ-

коммуникатсионӣ, муаррифии мултимедиявӣ ва шабакаҳои интернетӣ, имкон медиҳанд, ки маводи таълимӣ ба таври аёнӣ ва ҷолиб пешниҳод гардад. Технологияҳои педагогӣ ба омӯзгор имкон медиҳанд, ки ба хусусиятҳои фардии хонандагон таваҷҷуҳ зоҳир намуда, раванди таълимро ба талаботи онҳо мутобиқ созанд.

Аз ин рӯ, истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар дарсҳои технология (таълими меҳнат) на танҳо раванди таълимро ҷолибтар ва муассиртар мегардонад, балки хонандагонро бо малакаҳои зарурӣ аз қабили эҷодкорӣ ва салоҳиятҳои технологӣ, ки дар замони муосир хело муҳим мебошанд, муҷаҳҳаз мегардонад.

Илова бар ин, муаллиф дуруст таъкид месозад, ки ташкили раванди таълим дар асоси технологияҳои навини таълимӣ аз масоили муҳими таҳсилот буда, ин раванд дар дарсҳои технология (таълими меҳнат) имкон медиҳад, ки масъалаҳои таълими рушддиҳанда дар сатҳи баландтар ҳал карда шаванд. Барои ноил шудан ба ҳадафҳои таълим омӯзгор бояд дониш ва методикаву технологияҳои муосири таълимро дар сатҳи баланди муносибати босалоҳият аз худ намояд, амсилаҳои иттилоотиро таҳлилу таҳия карда тавонад, бо ёрии компютер баҳогузорӣ намояд, аз ӯҳдаи коркарди иттилооти графикӣ барояд ва ҷадвалҳои электрониро истифода бурда тавонад. Технологияҳои педагогӣ, ба монанди тахтаҳои интерактивӣ, проекторҳо ва барномаҳои компютерӣ, имкон медиҳанд, ки маводи таълимӣ ба таври аёнӣ ва дастрас пешниҳод гардад. Масалан, намоиши равандҳои технологӣ тавассути муаррифии мултимедиявӣ фаҳмиши хонандагонро осон мекунад.

Дар ҳақиқат, аҳамияти истифодаи технологияҳои педагогӣ дар дарсҳои технология (таълими меҳнат) дар баланд бардоштани сифати таълим, рушди малакаҳои амалӣ ва омодагии хонандагон ба талаботҳои замони муосир бениҳоят муҳим аст. Ин технологияҳо на танҳо раванди таълимро ҷолибтар ва самараноктар мекунанд, балки ба ташаккули шахсияти эҷодкор ва мутахассиси оянда мусоидат менамоянд.

Дар воқеъ, таҳқиқоти Риоев Акобир Мирзоевич аз арзиши илмиву аҳамияти амиқи назариявӣ ва амалӣ бархурдор буда, дар он хусусиятҳои муҳими истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар раванди таълими фанни технология (таълими меҳнат) дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо дарназардошти талаботи таҳсилоти муосир ошкор ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуда, ба таври мукаммал таҳқиқу баррасӣ шудааст.

Аз ин лиҳоз, таҳқиқоти мавриди баррасӣ қарордошта, ниҳоят мубрам ва саривақтӣ ба ҳисоб рафта, вобаста ба талаботҳои таҳсилоти муосир таҳия гардидааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд:** Навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомадаро истифодаи технологиҳои муосири педагогӣ дар ҷараёни таълими фанни технология (таълими меҳнат) ҳамчунин, тавассути истифода аз методҳои эмперикӣ, омӯзишу таҳлили фаъолияти омӯзгорону хонандагон, баргузории корҳои озмоишӣ, маҷмӯи усулҳои гуногун, ташкил ва гузаронидани озмоишҳои муқарраркунанда ва ташаккулдиҳанда, таҳлилу ҷамъбасти далелу маълумоти дар ҷараёни озмоиш бадастомада, таҳлилу арзёбии муқоисавии натиҷаҳои онҳо, мушоҳидаи педагогӣ, мусоҳибаҳо, усулҳои хударзёбӣ ва арзёбиҳои ташхисӣ, дар асоси маълумоти бадастомада, ташаккул додани далелҳои илмие, ки дар натиҷаи истифодаи нишондиҳандаҳои сифатӣ, усулҳои миқдорӣ, ки дар шакли маълумоти оморӣ ва коркарди самараноки онҳо ба вуҷуд омадаанд, ташкил медиҳанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** асоси илмиву воқеӣ дошта, баҳсангез нестанд. Зеро, таҳлилу баррасии таҳқиқоти диссертатсионӣ, натиҷаи корҳои озмоишӣ, хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методии пешниҳодшуда собит месозанд, ки дар воқеъ аз ҷониби муаллиф:

- махсусият ва шароитҳои педагогии ҷорӣ намудани технологияҳои муосири педагогӣ дар ҷараёни омӯзонидани фанни технология дар МТМУ ошкор ва муайян карда шудаанд;

- меъёрҳо, роҳҳо ва тарзҳои истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар мазмуни таълими фанни технология (таълими меҳнат) муайян ва роҳҳои самараноки ташкили раванди таълим бо истифодаи технологияи муосири таълим ошкор карда шудаанд;

- мавод оид ба ташаккули салоҳиятҳои касбии омӯзгорони фанни технология (таълими меҳнат) ҳангоми истифода аз технологияҳои муосиру инноватсионии таълим коркардшуда, маҷмӯи маводи таълимию методӣ роҷеъ ба роҳу усулҳои ташаккули салоҳиятҳои технологии хонандагон, ки шароитҳои педагогиро фаро мегиранд, аз ҷиҳати назариявӣ асоснок ва тариқи озмоиш санҷида шудаанд;

- технологияҳои педагогӣ оид ба баланд бардоштани самаранокии раванди ҷорисозии технологияҳои муосир дар таълими фанни технология (таълими меҳнат) дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян карда шудаанд;

- шароитҳои педагогии муосир ва самарабахши тарбия кардани омӯзгорон барои омӯхтан ва истифодаи технологияҳои инноватсионӣ муайян карда шудаанд;

- усули ташхиси самаранокии технологияҳои инноватсионии таълими фанни технология (таълими меҳнат) таҳия карда шуда, дар ин замина, як қатор равишҳои фаъоли таълим коркард шуданд, ки ба баланд шудани сатҳу сифати таълим ва дониши хонандагон мусоидат менамоянд.

Гузашта аз ин, дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ ва озмоишӣ масоили зиёди асосҳои истифодаи технологияҳои педагогӣ ба таври самаранок ҳаллу фасли худро ёфтаанд, ки аз навгониҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дарак медиҳанд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Истифодаи самараноки технологияҳои муосири педагогӣ аз омӯзгорони фанни технология (таълими меҳнат)-и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ донистани меъёрҳои зеринро талаб мекунад:

- мафҳум, тарзу намудҳои истифодаи технологияи муосири таълими фанни технология (таълими меҳнат);

- мавқеи технологияи муосиру инноватсионии таълим дар баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ва дониши хонандагон;

- мақсадноку бо низом истифода карда тавонистани технологияҳои муосири педагогӣ дар ҷараёни дарси технология (таълими меҳнат).

2. Тайёрии босалоҳияти омӯзгор дар самти истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар дарсҳо ҷанбаҳои зеринро фаро мегирад:

- донистани мазмун ва зарурати татбиқи усулҳои технологияҳои навин дар замони муосир;

- вазъи мувофиқи педагогии ҷорӣ намудани технологияҳои навин дар ҷараёни омӯзонидани фанни технология (таълими меҳнат)-и МТМУ;

- донистани технологияи муосири педагогӣ барои ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои маърифатӣ.

3. Ҷиҳати ташаккули муваффақона ва рушди салоҳияти касбии омӯзгорон дар барномаи курсҳои такмили ихтисос ворид кардани мавзуъҳои марбут ба технологияҳои муосири педагогӣ, инноватсионӣ ва тарзҳои муосиру мақсадноки истифодаи онҳо зарур аст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда:** Дурустӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо асоснокӣ ва саҳеҳии усулҳои методологӣ ва назариявӣ, истифодаи маҷмӯи усулҳои ба ҳам вобастаи таҳқиқоти илмӣ, ки ба мавзуъ ва вазифаҳои таҳқиқот

комилан мутобиқанд, мувофиқати муқаррароту хулосаҳои назариявӣ, кофӣ будани сарчашмаҳои истифодашуда, асоснокии истифодаи усулҳои озмоишӣ ва маълумоти дар натиҷаи таҳқиқоти озмоишӣ бадастомада, таъмин мегардад. Эътимоднокии хулосаҳои дар раванди таҳқиқ бадастомада бо озмоишҳои педагогӣ ва натиҷаҳои он, бо беихтилофии мавқеъҳои назариявие, ки ташаккули онҳо ба таҳлили ғояҳои педагогии муҳаққиони гуногун асос ёфтааст, мувофиқи методҳои таҳқиқот бо ҳадафҳои бисёрҷанба ва бардавоми таҳқиқоти роҳандозишуда, аз натиҷаҳои назариявӣ ва амалии бадастомада, дар раванди таълими фанни технология (таълими меҳнат) дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки ҳамчун пойгоҳи озмоишии таҳқиқот интихобшудааст, равона гаштаанд.

Бояд тазаккур дод, ки эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо асоснокӣ ва саҳеҳии усули мететодологӣ ва назариявӣ, истифодаи маҷмӯи ба ҳам вобастаи таҳқиқоти илмӣ, ки ба мавзуъ ва вазифаҳои таҳқиқот комилан мутобиқанд, мувофиқати муқаррароту хулосаҳои назариявӣ, кофӣ будани сарчашмаҳои истифодашуда, асоснокии истифодаи усулҳои озмоишӣ ва маълумоти дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқоти озмоиши бадастомада, таъмин мегардад. Инчунин, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бевосита, бо иштироки шахсии муаллиф дар чорабиниҳои гуногуни таълимӣ оид ба такмили ихтисос ва бозомӯзии касбӣ аз рӯйи самтҳои ба таҳқиқот алоқаманд таъмин карда шудаанд.

**Аҳамияти илмиву амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо:**

- асоснок карда шудани имконоти истифодаи босамари технологияҳои муосири педагогӣ дар раванди таълими фанни технология (таълими меҳнат) аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ;

- муайян кардани асосҳои педагогӣ ва озмоиши самарабахшии истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ ва ҷойгоҳи онҳо дар баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ва дониши хонандагон дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар заминаи озмоишҳо;

- таҳлил карда шудани адабиёти илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқот аз ҷиҳати назариявӣ;

- таҳлил ва таҳқиқи фаъолияти омӯзгорони фанни технология (таълими меҳнат)-и МТМУ ва нақши онҳо дар истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ;

- амалӣ намудани корҳои озмоишӣ бо манзури санҷиши маҷмӯи шароитҳои педагогӣ ва воситаҳои ташаккули истифодаи технологияҳои муосири педагогии таълим;

- муайян кардани хусусиятҳои педагогии ҷорӣ кардани технологияҳои муосири педагогӣ дар таълими фанни технология (таълими меҳнат) дар МТМУ.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот:**

- дар раванди таълими фанни технология (таълими меҳнат)-и МТМУ шароитҳои педагогии татбиқи технологияҳои муосири таълим аз тариқи озмоиш асоснок карда шудаанд;

- меъёр, дараҷаҳои истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ва намудҳои онҳо, равшан сохтани моҳияти истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар таълими фанни технология (таълими меҳнат) ошкор ва коркард шудаанд;

- восита ва шаклҳои фаъолияти омӯзгори фанни технология (таълими меҳнат)-и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар татбиқи технологиҳои муосири педагогӣ ва тарзҳои истифодаи онҳо дар раванди дарсҳо, мавқеи технологияҳои инноватсионӣ дар баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ва дониши хонандагон муайян карда шудааст;

- тавассути роҳу усулҳои мухталиф тасаввуроти мутахассисон, омӯзгорон ва хонандагон оид ба технологияҳои муосири педагогӣ ва моҳияти он дар донишандӯзии хонандагон муайян карда шудаанд;

- тавсияҳои илмию амалӣ ҷиҳати ташаккули салоҳияти омӯзгор оид ба истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ҳамчун сифати муҳими касбии омӯзгор коркард ва пешниҳод шудаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқотро метавон дар раванди таълими фанни технология (таълими меҳнат) дар МТМУ, ва дигар муассисаҳои таълимӣ, ҷиҳати ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ, инчунин, дар курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон истифода бурд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ:** Натиҷаҳои таҳқиқотӣ дар 27 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 16-тояшро монографияҳо, дастурҳои таълимию методӣ, 6-тояшро мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон банашррасида ва 5-тои боқимондаашро мақолаҳои дар дигар нашрияҳо бачопрасида ва маводҳои конференсияҳои илмӣ ташкил додаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҳарсолаи олимон ва омӯзгорон, семинару машваратҳои илмӣ-назариявии кафедраҳои тахассусии Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва

бозомӯзии кормандони соҳаи маориф, дар ҷаласаҳои васеи шуъбаи технологияҳои инноватсионии таълим ва гузариш ба таҳсилоти 12-солаи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ироа ва баррасӣ гардида, дар мақолаҳои илмии муаллиф инъикос ёфта, дар фаъолияти амалии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ, ки корҳои таҷрибавию озмоишӣ дар он гузаронида шудааст, натиҷаҳои таҳқиқот амалӣ карда шудаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА:**

Тартиби таҳияи диссертатсия ва автореферат ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда мувофиқ буда, автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари диссертатсияро ифода карда, тасаввуроти аникро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллифро ифода месозанд. Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шуда, ба миқдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, мисол ва ҷадвалҳо таъмин аст.

Диссертатсия тибқи муқаррароти Дастурамал фаҳмо, бо лаҳни равони тоҷикӣ, босаводона навишта шуда, тартиби таҳия, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, робитаи мантиқӣ ва муттасилӣ ба пуррагӣ риоя карда шудааст. Доир ба ҳар як боб ва умуман ба рисола хулосаҳои возеҳ бароварда шудааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ:** Таҳқиқоти диссертатсионии Риоев Акобир Мирзоевич дар мавзӯи "Самаранокии истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар дарсҳои технология (таълими меҳнат)-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ" мутобиқ ба мазмуни бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси 13.00.01. - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот таҳия шудааст: банди 1 - Методологияи таҳқиқоти педагогӣ (равишҳои таҳқиқотӣ дар рушди илми педагогика, ҳамбастагӣ ва ҳудудҳои татбиқпазири онҳо, усулҳои таҳқиқотҳои педагогӣ); банди 3 - Антропологияи педагогӣ (низомҳои шароитҳои рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия, таҳсилот); банди 4 - Назария ва консепсияи таълим (навъҳо ва амсилаҳои таълим, ҳудудҳои истифодаи онҳо, технологияҳои таълим, консепсияҳои таҳияи таъминоти таълимию методии раванди таълим ва воситаҳои таълим); банди 6 - Консепсияҳои таҳсилот (технологияи ташаккул ва

рушди муҳити таълим, равандҳои инноватсионӣ дар таълим, таҳсилоти замонавӣ ва иловагӣ); банди 7 - Педагогикаи амалӣ (ҷамъбасткунии таҷрибаи педагогии пешқадам; ҳаракати инноватсионӣ дар таҳсилот; фаъолияти озмоишию таҷрибавии муассисаҳои таълимӣ) мувофиқат мекунад.

**Эрод ва камбудиҳо:**

Дар баробари дастовардҳои муҳими илмӣ дар диссертатсияи Риоев Акобир Мирзоевич баъзе камбудиву норасоиҳо мушоҳида мегардад, ки ислоҳи минбаъдаи онҳо, боиси боз ҳам баланд гардидани мазмун ва сатҳу сифати рисолаи илмӣ хоҳад гардид:

1. Ҷолиби қайд аст, ки муаллиф дар диссертатсия оид ба метод, восита ва шаклҳои истифодаи технологияҳои педагогӣ маълумот додааст. Хуб мешуд, агар муҳаққиқ оид ба истифодаи методу воситаҳои ин технологияҳоро дар раванди таълими фанни технология (таълими меҳнат) дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муфассал маълумот медод.

2. Вобаста ба инкишофи салоҳиятҳои технологӣ ва қобилиятҳои эҷодии хонандагон, ки ҷузъи муҳими таълими фанни технология (таълими меҳнат) дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба ҳисоб меравад, агар ба шакли пурра таҳлил мегашт, мазмун ва муҳтавои кори илмӣ боз афзунтар мегардид.

3. Дар матни диссертатсия баъзе хатоҳои услубӣ ва техникӣ инчунин, дар саҳифабандии диссертатсия камбудиҳо ба чашм мерасанд, ки ислоҳи онҳо барои боз ҳам баланд гардидани сатҳу сифати рисола кӯмак мерасонанд.

Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки камбудӣ ва норасоиҳои зикршуда, ҳаргиз арзиши илмиву амалии диссертатсияро коста намегардонанд, зеро таҳқиқоти анҷомдодаи Риоев А.М. кори пурра ба анҷомрасида ба ҳисоб рафта, дар самти беҳтар ва амиқтар ба роҳ мондани раванди таълими фанни технология (таълими меҳнат) дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ кӯмаки амалӣ ва методии худро мерасонад.

**Хулосаи ҷамъбастӣ**

1. Диссертатсияи Риоев Акобир Мирзоевич дар мавзӯи "Самаранокии истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар дарсҳои технология (таълими меҳнат)-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ" кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

2. Муаллифи диссертатсия ба мақсад ва ҳадафи дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда ноил шуда, вазифаҳои илмии

таҳқиқотро ҳаллу фасл кардааст ва фарзияи таҳқиқот тасдиқи худро ёфтааст.

3. Диссертатсия бо забони возеҳи илмӣ навишта шуда, аз ҷиҳати аҳамияти илмиву амалӣ, муҳтаво, мақсаду вазифа ва хулосаву тавсияҳои методӣ арзиши баланди илмиро доро мебошад.

4. Автореферат мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра фаро гирифта, мақолаҳои илмии ба табъ расида, муҳтавои паҳлуҳои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос мекунанд.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Риоев Акобир Мирзоевич дар мавзӯи "Самаранокии истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар дарсҳои технология (таълими меҳнат)-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст, ба талаботи Низомнома оид ба Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

***Муқarrizi расмӣ:*** номзади илмҳои педагогӣ,
муаллими калони кафедраи меъмории
Донишкадаи политехникии Донишгоҳи
техникии Тоҷикистон ба номи академик
М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд Норов Фирдавс Фарҳодович

16.09.2025с.

***Маълумот барои тамос:***
Ҷумҳурии Тоҷикистон, 735700 ш. Хуҷанд хиёбони И.Сомонӣ 226;
Тел: +992 (992-3422) 6-04-54, +992 92-758-25-03;
Почтаи электронӣ: svadrif7891@list.ru

***"Имзои Норов Ф.Ф. -ро тасдиқ менамоям":***
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва назорати
иҷрои Донишкадаи политехникии Донишгоҳи
техникии Тоҷикистон ба номи академик
М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд Юсупова М.Ш.

ДОНИШКАДАИ ПОЛИТЕХНИКИИ ДТТ БА НОМИ АКАДЕМИК М.С.ОСИМӢ ДАР Ш.ХУҶАНД
РАЁСАТИ КАДРҲО, КОРГУЗОРӢ ВА НАЗОРАТИ ИҶРО